# ХУЛОСАИ
# ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-004 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ

**Парвандаи аттестатсионии № 48**

**Хулосаи шӯрои диссертатсионӣ аз 17.10.2020 с., суратҷаласаи № 48**

Барои сазовор донистани Набиев Баҳодур Аҳмадович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ.

Диссертатсия дар мавзӯи «Фаъолсозии ҷалби сармоягузориҳо дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05- Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии муассисаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (саноат), аз 17 марти соли 2020, суратмаҷлиси №52 аз тарафи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон *(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)*, ки бо фармони КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.05.2019, №96 таъсис ёфтааст, барои ҳимоя қабул шуд.

Унвонҷӯ Набиев Баҳодур Аҳмадович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 16 июни соли 1988 дар ноҳияи Шурообод (ҳозира Ш.Шоҳин) таваллуд шудааст. Соли 2011 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит бо диплом аъло хатм намудааст. Аз соли 2011 то соли 2017 асситенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии ДМТ; аз соли 2017 то соли 2019 муовини декан оид ба таълим дар шуъбаи ғоибонаи факултети баҳисобгирию иктисодии ДМТ; аз соли 2019 то ҳол мушовири академӣ (эдвайзер)-и факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамии ДМТ шуда кор мекунанд.

Диссертатсия дар пояи кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ - Уроқов Дустмурод Уроқович,** доктори илмҳои иқтисодӣ профессори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Мирсаидов Аврор Бобоевич** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Солеҳзода Ашурбой Абдувоҳид -** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини аввали Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

**Муассисаи тақриздиҳанда -** Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи риёзӣ-иқтисодии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон Холов Раҳмоналӣ, (суратҷаласаи №10, аз 11.05.2020 с.) ба имзо расида, аз ҷониби Ректори Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, номзади илмҳои техникӣ, дотсент Назарзода Х.Х., аз санаи 20.05.2020 с. тасдиқ шудааст, қайд кардааст, ки диссертатсияи Набиев Баҳодур Аҳмадович дар мавзӯи «Фаъолсозии ҷалби сармоягузориҳо дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи навгониҳои таҳқиқот тибқи шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи самти ихтисоси 08.00.05- Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии муассисаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (саноат) иҷро гардида, кори диссертатсионии анҷомёфта буда, аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои “Низомнома оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри 2016 сол, таҳти №505 тасдиқ шудааст.

Вобаста ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф беш аз 16 мақола, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расонида шудаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шаҳодатномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.05 иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (саноат) иҷро гардида, бо бандҳои 1.1.19. Асосҳои назариявӣ ва методологии самаранокии тараққиёти корхонаҳо, соҳаҳо ва муҷтамаъҳои хоҷагии халқ, 1.1.22. Проблемаҳои беҳтар намудани амнияти энергетикӣ ва тараққиёти иқтисодии устувори муҷтамаи сӯзишворӣ-энергетикӣ (МСЭ). Самаранокии энергетикӣ, 1.1.23. Равишҳои методологӣ ва методии ҳалли проблемаҳо дар соҳаи иқтисодиёт, ташкили идоракунии иттиҳодияҳо ва корхонаҳои муҷтамаи сӯзишворӣ-энергетикӣ (МСЭ), 1.1.24. Ҳолати кунунӣ ва рушди минбаъдаи соҳаҳои сӯзишворӣ-энергетикӣ, мошинасозӣ ва металлургӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1.1.25. Ҳолати кунунӣ ва самтҳои асосии сиёсати инвеститсионӣ дар муҷтамаъҳои сӯзишворӣ-энергетикӣ, мошина-

созӣ ва металлургӣ, 1.1.26. Сиёсати тарофаӣ дар соҳаҳои муҷтамаи сӯзишворӣ-энергетикӣ. Равишҳои методологӣ ва методии ҳалли проблемаҳо дар соҳаҳои иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо ва иттиҳодияҳои муҷтамаи сӯзишворӣ-энергетикӣ пешбини шудаанд, мувофиқа карда шудааст.

## РӮЙХАТИ КОРҲОИ НАШРШУДАИ МУАЛЛИФ АЗ РӮЙИ МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ:

### А) интишорот дар маҷалаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд:

**[1-М].** Набиев Б.А. Роль и место иностранной инвестиции в развитие экономики Республики Таджикистан среды // Набиев Б.А., Ураков Д.У. //Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. - Душанбе: «СИНО», 2013. - №2/6 (120). – С.14-17. (0,2 п.л.) (в соавт. автором - 0,1 п.л.).

**[2-М].** Набиев Б.А. Усиление инвестиционной активности в промышленности Таджикистана // Набиев Б.А., Ураков Д.У. //Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. – Душанбе: «СИНО», 2015. - №2/5(172). – С.14-17. (0,3 п.л.) (в соавт. автором- 0,15 п.л.).

**[3-М].** Набиев Б.А. Экономическая сущность и формы инвестиции. //Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. Душанбе: «СИНО», 2017. - №2/4. - С. 43-47. (0,3 п.л.)

**[4-М].** Набиев Б.А. Основные проблемы энергетической отрасли и возможные пути решения//Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук Душанбе: «СИНО», 2017. - №2/5 Часть II. - С. 74-78. (0,3 п.л.)

**[5-М].** Набиев Б.А. Инвестиции в основной каптал электроэнергетики как факт роста и инноваций. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук Душанбе: «СИНО», 2017. - №2/6 Часть III. - С. 48-52. (0,3 п.л.)

**[6-М].** Набиев Б.А. Энергоэффективность и энергосбережение в Республике Таджикистан на фоне опыта зарубежных стран. // Вестник Таджикского национального университета, Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: «СИНО», 2017. - №2/19. - С. 71-76. (0,3 п.л.)

**[7-М].** Набиев Б.А. Морально-этические нормы как факторы, влияющие на поток капитала и инвестиционный климат страны. /Набиеа Б.А., Хофизов Х.А. // Вестник Таджикского национального университета, Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: «СИНО», 2019. - №1. - С. 11-15. (0,3 п.л.) (в соавт. автором - 0,15 п.л.).

**[8-М].** Набиев Б.А. Теория исследования инвестиционной деятельности в условиях рыночной экономики. // Набиев Б.А., Ураков Д.У. // Вестник Таджикского национального университета, Серия социально-

экономических и общественных наук. - Душанбе: «СИНО», 2019. - №9. - С. 86-92. (0,4 п.л.) (в соавт., автором 0,2 п.л.).

**[9-М].** Набиев Б.А. Анализ использования инвестиционных ресурсов в энергетическом комплексе. // Набиев Б.А., Барфиев Қ.Х. // Вестник Таджикского национального университета, Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: «СИНО», 2019. - №10. - С. 97-102. (0,3 п.л.) (в соавт. автором - 0,15 п.л.).

**В) Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ:**

**[10-М].** Набиев Б.А. Муаммоҳои баҳодиҳии самаранокии иқтисодии сармоягузорӣ дар саноат. // Набиев Б.А., Уроқов Д.У. //Дигаргунсозии механизми молиявию қарзӣ ва нақши он дар таъмини рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон/Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ- амалӣ Душанбе-2013, С. 246-250. (0,3 ҷ.ч.) (аз муаллиф 0,15 ҷ.ч.).

**[11-М].** Набиев Б.А. Теоретические основы для анализа и оценки эффективности инвестиций, концепции и ее роль в организации экономического развития. // Проблемы внедрения системы управления документами в Республике Таджикистан/Республиканская научно-практическая конференция. Душанбе, 1 декабря 2015г. ТНУ., С. 213-219. (0,4 п.л.).

**[12-М].** Набиев Б.А. Механизмы привлечения инвестиционных ресурсов в комплекс мелиоративных мероприятий Таджикистана. // Роль и значение инвестиций в развитие национальной экономики// Республиканского научно-практическая конференция. – Кулоб, 27-28-го мая в 2016 г. Кулябскиий государственный университет им. А.Рудакӣ. С. 153-157. (0,3 п.л.).

**[13-М].** Набиев Б.А. Нақши сармоягузорӣ дар рушди иқтисодии субъектҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон. //Рол ва нақши сармоягузорӣ дар рушди иқтисоди миллӣ//Конфронси ҷумҳуриявӣ илмӣ-Донишгоҳи давлатии Кӯлоб бо номи А. Рӯдакӣ, С.250-254. (0,3 ҷ.ч.).

**[14-М].** Набиев Б.А. Зарубежный опыт привлечения инвестиционных ресурсов в энергетическом комплексе. // Конкурентоспособность в глобальном мире: экономика, наука, технологии. – Киров, 2017. - №12, часть 9. - С. 1110-1112. (0,3 п.л.).

**[15-М].** Набиев Б.А. Бехатарии энергетикӣ-омилӣ рушди устувории иқтисодӣ. // 20-солагии Рӯзи ваҳдати миллӣ» ва «Соли ҷавонон/ Маводи конфренсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ. - Душанбе-2017. - С. 236. (0,1 ҷ.ч.).

**[16-М].** Набиев Б.А. Проблемы привлечения внешних внутренних инвестиции в развитие экономики Таджикистана. // Набиев Б.А., Ураков Д.У. // Известия. Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. Международный теоретический и научно-практический журнал. – Каракул, 2017. - №4 (19). - С. 72-80. (0,3 п.л.) (в соавторстве, автором 0,15 п.л.).

**Ба унвонии автореферати диссертатсия тақризҳо аз шахсони зерин ворид гардидаанд:**

1. **Мирзоалиев А.А. – мудири кафедраи менеҷмент ва иқтисодиёти меҳнати ДДТТ, н.н.и., дотсент бо эродҳои зерин:** 1) Аз тарафи муаллиф коркардҳои гуногуни илмӣ-методӣ вобаста ба ҷалби сармоягузориҳо дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод ва дар амалия татбиқ карда шудаанд, вале самараи иқтисодии онҳо дар автореферат нишон дода нашудааст; 2) Дар автореферат ба таври хеле васеъ нишон додани натиҷаҳои таҳлили даромаднокӣ ва самарабахшии лоиҳаҳои сармоягузориро дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон пайгири кардан зарур буд.
2. **Ҷабборов Ф.А. – муовини Ректор оид ба робитаҳои хориҷии МДТ “Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат” н.н.и., дотсент бо эродҳои зерин: 1)** Мувофиқи мақсад мебуд, агар, ки муаллиф унсурҳои асосии модели консептуалии ҷалби сармоягузориҳо дар соҳаи энергетикиро бештар шарҳ медод (саҳ 13); 2) Аз автореферат бармояд, ки дар диссертатсия таҷрибаи хориҷии ҷалби захираҳои сармоягузорӣ ба комплекси энергетикӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, аммо имкониятҳо ва самтҳои истифодаи таҷрибаи ин ва ё он мамлакат дар комплекеси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод нагардидаанд.
3. **Убайдуллаев М.Б.- д.и.и., профессор, декани факултети бизнес ва менеҷменти Донишгоҳи давлатии Оши Ҷумҳурии Қирғизистон бо эродҳои зерин:** 1) Дар автореферат хусусиятҳои хоси истифода кардани методҳои алоҳидаи баҳогузории мавқеъи тиҷоратии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар энергетика ҷудо карда нашудаанд; 2) Дар автореферат алоқамандии сиёсати сармоягузорӣ ва ҷозибияти корхонаҳои энергетикӣ нишон дода нашудаанд.
4. **Ризоқулов Т.Р. - муовини Ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишкадаи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор бо эродҳои зерин: 1)** Асосноккунии иловагиро мавқеъи унвонҷӯ нисбат ба усулҳои баҳодиҳии самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар комплекси энергетикии татбиқшаванда талаб мекунад. Дар баробари ин мо дарк менамоем, ки чунин асосоноккунӣ дар қисми асосии диссертатсия мукин аст, пешниҳод шуда бошад; 2) Дар автореферат роҳҳои мукаммалсозии сарчашмаҳои ғайрибуҷетии маблағгузории комплекси энергетикӣ, дар асоси рушди ташкилотҳои қарзии кишвар ва ҷалби онҳо ба ин соҳа дарҷ карда нашудааст. Дар барорбари ин, мавҷуд будани чунин иттилоот дар автореферат шарҳи пункти (5) навгонии илмиро хеле фаҳмо ва пурмазмун менамуд.

5. **Ашуров М.Н. - мудири кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо эродҳои зерин: 1)** Вобастагии ҳавасмандгардонӣ барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва рушди равандҳои сармоягузорӣ асосноккунии иловагиро талаб мекунад (с. 22); **2)** Объекти интихобнамудаи таҳқиқот хеле васеъ буда, самтҳои ҷалбӣ сармоя ва талабот ба он дар соҳаҳои мушахаси соҳаи энергетика (истеҳсолкунанда, тақсимкунанда ва фурӯш) далели қотеъро талаб мекунад.

Ҳамаи тақризҳои ба автореферати диссертатсия пешниҳодшуда мусбатанд ва андешаҳо хислати пешниҳодӣ ва тавсиявӣ доранд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти илмии аз ҷониби унвонҷӯ ба анҷом расонидашуда:**

- Консепсияи танзими давлатие, ки такмили механизми ҷалби сармоягузорӣ дар шароити иқтисоди бозаргонӣ ва пешниҳодҳои амалӣ ҷиҳати муайн ва истифода намудани имконоти танзими раванди сармоягузорӣ дар комплекси энергетикии кишвар иборат аст, ***коркард карда шудааст***.

***Пешниҳод карда шудааст***, ки мафҳуми «ҷалби сармоягузорӣ», ҳамчун меъёрҳои умумӣ оид ба танзими сармоягузорӣ, истифодаи захираҳои сармоягузорӣ барои гирифтани даромад аз ҳисоби неруи табиии–захиравӣ, ки аз суръату сатҳи энергияи баркӣ вобаста аст. Дар ин асос характер ва шароити иҷтимоиву иқтисодии ташкили фаъолияти хоҷагидорӣ дар комплекси энергетикӣ дақиқ муайян карда шуданд.

***Исбот карда шудааст, ки*** сабабҳои паст будани даромаднокии захираҳои сармоягузорӣ ҳамчун соҳаи муҳим бо неруи баланди рушд, вобаста буда, ҳисобӣ кардани он имкон медиҳад, параметрҳои сармоягузорӣ дар асоси коркард ва амалишавии барномаҳои стратегии рушди секторҳои сармоягузорӣ самарабахш гардад.

***Ҷорӣ намудани*** самтҳои асосии мукаммалсозии танзими ҷалби сармоягузорӣ дар комплекси энергетикӣ, дар асоси ташкили шароити мусоиди истифодаи неруҳои сармоягузории соҳаҳо ва баланд бардоштани сатҳи фаъолнокии сармоягузории корхонаҳо, корхонаҳои энергетикӣ имконпазир буда, боиси амалишавии меъёрҳо оид ба беҳсозии фаъолияти сармоягузорӣ ва васоити амалинамоии онҳо пешниҳод шаванд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба он асоснок карда шуданд, ки:**

- **исбот гардидааст, ки** ҷалби сармоягузорӣ бештар аз як қатор омилҳо ва шартҳои таъсиргузор ба сатҳи фазои сармоягузории мусоид ва дар маҷмӯъ фаъолияти сармоягузорӣ вобаста аст. Дар шароити имрӯзаи иқтисоди бозорӣ омили муҳимми таъмини рушди устувори соҳаҳои

табиӣ-иқлимӣ, ҷуғрофӣ, шумораи аҳолӣ ва корхонаҳо, рақобатпазирии маҳсулоти энергияи барқӣ, ки ба сатҳи ҷалби сармоягузорӣ, инчунин ҳаҷм ва микёси самаранокӣ дар соҳаҳо ва истифодаи самараноки онҳо таъсиргузор аст. Онҳо дар сатҳи иқтисодии соҳаҳо тахти таъсири шартҳои молиявию иқтисодӣ, иҷтимоиву демографӣ қарор гирифта, ба вазъ ва динамикаи ҷалби сармоягузорӣ дар соҳаи мазкур таъсир мерасонанд, **истифода бурданд.**

- **дар таҳқиқот усулҳои зерин:** дар кори диссертатсионӣ бо мақсади таҳлили фаъолсозии ҷалби сармоягузориҳо дар комплекси энергетикӣ аз усулҳои таҳлил ва омӯзиш, усулҳои индуксия ва дедуксия, таҳлили қиёсӣ, усулҳои баҳодиҳии тағйирёбии сохторӣ, таҳлили абстрактию мантиқӣ, монографӣ, усулҳои иқтисоди оморӣ ва математикӣ истифода шудаанд;

- **таҳлили вазъи кунунии** такмили механизми ҷалби сармоягузорӣ маҷмӯи тадбирҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ мебошад, ки ба субъектҳои хоҷагидорӣ дар асоси он қарорҳои сармоягузорӣ ва усулҳои гуногуни танзими субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ бо мақсади беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ, такрористеҳсолкунии захираҳои гидроэнергетикӣ ва ҳифзи муҳити зист қабул карда мешаванд. Принсипҳои асосӣ фаъолкунии фаъолияти сармоягузорӣ ва ҳавасмандгардонии равандҳои сармоягузорӣ дар комплексҳои энергетикӣ, розигии дуҷонибаи тамоми иштироккунандагони раванди сармоягузорӣ, мушаххасӣ, дар давраи дарозмуддат, омӯзиши ҳамаҷонибаи ширкат, мустақилӣ ва ғайра, **баён шудааст.**

Баҳогузории самаранокии ҷалби сармоягузорӣ дар шароити муосири рушди соҳаҳои энергетикӣ зарур аст. Қайд кардан зарур аст, ки муаммои таҳқиқ, таҳлил ва тартиб додани баҳогузории гуногуни воситаҳои сармоягузорӣ аз ҳисоби хавфҳои сармоягузорӣ дар айни замон дар марҳилаи рушд қарор дорад. Ҳангоми тартиб додани рейтинги соҳаҳои афзалиятнок, нақши асосиро чунин меъёрҳо, мисли: сифати танзим ва ҳифзи сармоягузорӣ, ҳаҷми дархости дохилӣ барои неруи барқ, сатҳи камбизоатии аҳолӣ, сифати ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, сатҳи маълумотнокии аҳолӣ, сатҳи афзоишу камшавии бекорӣ ва ғайра мебозанд **ошкор гардидааст.**

Таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки барои ҷалби сармоягузорӣ такмил додани асоси меъёрию ҳуқуқӣ, гузаронидани дигаргуниҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, бунёди инфрасохтори бозор, коркарди механизми сиёсати давлатӣ ва дастгирии сармоягузорӣ, ғайримарказонидани ваколатҳои мақомотҳои давлатӣ оид ба танзими равандҳои ҷалби сармоягузорӣ, амалигардонии чораҳои асоснокшуда бо ташкилотҳои байналхалқӣ, мисли ТБТ ва ғайра зарур аст. Омӯзиши

таҷрибаи кишварҳои рушдкарда (Чин, Туркия, ИМА ва ғайра) оид ба ҷалби сармоягузорӣ ва истифодаи гунаҳои нисбатан қабулшуда дар шароити Тоҷикистон, барои ҳавасмандкунии сармоягузорӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаҳои энергетикӣ аҳаммияти махсус дорад **омӯхта шуданд**.

Дар раванди ҷалби сармоягузорӣ сиёсати сармоягузории давлат нақши муҳим мебозад. Барои ҷалби сармоягузорӣ ва беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ чунин унсурҳои сиёсати сармоягузорӣ дар сатҳи соҳаҳо заруранд: ҷалби сармоягузорӣ дар бахшҳои муҳимми комплекси энергетикӣ, дастгирӣ ва фаъолсозии фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ, мукаммал кардани базаи институтсионалӣ, истифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар соҳаҳо, аз байн бурдани монеаҳои дохилисоҳавӣ ва гузаштан ба ҳукумати электронии хидматрасонӣ (ҷорӣ намудан ва фаъол кардани ҳукумати электронӣ) ва ғайраҳо

***Аҳамияти натиҷаҳои ба дастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар он асос меёбад, ки:***

- **нуқтаҳои асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти мазкур** дар раванди ҷалби сармоягузорӣ сиёсати сармоягузории давлат нақши муҳим мебозад. Барои ҷалби сармоягузорӣ ва беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ чунин унсурҳои сиёсати сармоягузорӣ дар сатҳи соҳаҳо заруранд: ҷалби сармоягузорӣ дар бахшҳои муҳимми комплекси энергетикӣ, дастгирӣ ва фаъолсозии фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ, мукаммал кардани базаи институтсионалӣ, истифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар соҳаҳо, аз байн бурдани монеаҳои дохилисоҳавӣ ва гузаштан ба ҳукумати электронии хидматрасонӣ (ҷорӣ намудан ва фаъол кардани ҳукумати электронӣ) ва ғайраҳо **асоснок карда шудааст**. Муқаррарот ва хулосаҳои асосии он дар шакли тавсияҳои мушаххас таҳия гардидаанд, ки аз ҷониби Вазорати энергетика ва захираҳои обии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишогоҳи миллии Тоҷикистон ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои қабули қарорҳо дар бахши такмили фаъолсозии ҷали сармоягузории хориҷӣ дар рушди комплекси энергетикӣ **коркард ва ҷорӣ карда шуданд.**
- **муайян карда карда шудааст**, ки Дар марҳалаи кунунӣ, мушкилоти асосӣ дар бахши энергетикаи ҷаҳонӣ на норасоии захираҳои энергетикӣ, балки набудани сармоягузорӣ мебошад. Дар асри XXI ба инсоният норасоии глобалии захираҳои энергетикӣ дар сурати татбиқи бомуваффақияти стратегияҳои сарфакунандаи энергия ва ивазкунии энергия, инчунин эҷоди бозори мутамаддини захираҳои энергетикӣ ва энергия таҳдид намекунад.

Роҳи аз ҳама самаранок ин рушди энергетика мебошад, ки ба истифодаи ҳама ё ҳадди ақал аксарияти захираҳои энергетикии мавҷуда ва технологияҳои пешқадам барои табдил додани онҳо ба энергияи барқӣ ва гармӣ асос ёфтааст, ***муаррифӣ карда шудааст***. Махсусан, Ҷумҳурии Тоҷикистон потенсиали назарраси энергияи барқи обиро доро буда, айни замон ҳиссаи камтарини ин потенсиал амалӣ гардидааст. Ҳаҷми умумии захираҳои нерӯи барқи обӣ 527 млрд. кВт/с буда, аз ин миқдор аз лиҳози техникӣ имконияти истифодабарии 202 млрд. кВт/с – и он мавҷуд буда, аз лиҳози иқтисодӣ созмон додани 172 млрд. кВт/с – и он мувофиқи мақсад мебошад.

***Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки***

- **таҳқиқот дар** пойгоҳи кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон гузаронида шудааст, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро саҳеҳии маълумотҳо, ҳаҷми кофии маводи таҳқиқот, коркарди омории натиҷаҳо ва мақолаҳо исбот менамоянд. Заминаи методологӣ ва назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ корҳои илмии фундаменталӣ ва амалии олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба масъалаҳои фаъолсозии ҷалби сармоягузорӣ дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин натиҷаҳои таҳқиқоти пажӯҳишгоҳҳои пешрафтаи соҳа ва рақобатпазирии онҳо мебошанд. Ҳангоми таҳияи диссертатсия санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои Вазорати энергетика ва захираҳои обии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин мақолаҳои монографӣ ва илмӣ оид ба рушди бахши энергетикӣ, истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ ва танзими самаранокии идоракунии онҳо ва ғайра истифода шуданд.
- **истифодаи** ғояи асосии диссертатсия ба ақидаҳои олимони классикӣ ва муосири соҳаи иқтисодиёт, омӯзиши асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ, таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ дар самти фаъолсозии ҷалби сармоягузорӣ дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон **асоснок шудааст**.

Мавқеи такмили механизми ҷалби сармоягузорӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ва коркарди пешниҳодҳои амалӣ ҷиҳати муайн ва истифода намудани имконоти танзими раванди сармоягузорӣ дар комплекси энергетикии кишвар **муайян карда шудааст.**

**Саҳмии шахсии довталаби дарёфти унвони илмӣ:**

- **иштироки бевоситаи дар ҷамъ овардан ва коркарди иттилоот: -** таҳия, асосноккунӣ ва мубраммияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои

кории илмии пешбинишуда бо иштирок ва пешниҳоди бевоситаи муаллиф роҳандозӣ карда шудаанд;

- **саҳмии шахсии муаллиф** дар мураттабсозӣ, ҷамъбасткунӣ ва муайян кардани усулҳои назариявӣ ва амалии фаъол-созии ҷалби сармоягузорӣ дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷи-кистонро фаро гирифтааст. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқоти рисолаи дис-сертатсионӣ ҳангоми кор карда баромадани ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва тад-биқи барномаҳои гуногуни иҷтимоӣ дар ҷумҳурӣ истифода бурда шудааст.

- **натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии муаллиф татбиқ карда шудааст:** аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санади татбиқӣ таҳти №385-04, аз 26 майи соли 2020; аз Вазорати энергетика ва захираҳои обии Ҷумҳурии Тоҷикистон санади татбиқнамоӣ таҳти №13-1637 аз 02 июни соли 2020.

- **таҳияи** беш аз 16 мақола дар ҳаҷми 4,9 ҷузъи чопӣ, ки аз онҳо 12 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп карда шудаанд;

- **гузориши** натиҷаҳои таҳқиқот тайи солҳои 2012-2020 дар конфронсҳои илмӣ, амалӣ ва назариявии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ муаррифӣ гардидаанд.

Дар ҷаласа 17 октябри соли 2020 Шӯрои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Набиев Баҳодур Аҳмадовичро бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба аз рӯйи ихтисоси 08.00.05- Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии муассисаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (саноат) қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонии Шӯрои диссертатсионӣ аз 19 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 13 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 21 нафар ҳайати умумии шӯрои диссертатсионӣ, овоз доданд: тарафдор 19, муқобил- нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**д.и.и., профессор** **Исайнов Ҳ.Р.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**н.и.и., дотсент** **Саидмуродова М.А.**

**17.10.2020**